Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Рачабзода Сорбон Абдусалом дар мавзуи «Ташаккул ва инкишофи институти товони зарар аз ҷиноят дар Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст (Душанбе, 2022. – 33 сах.)

Ҳуқуқи ҷабрдида ба товони зарари аз ҷиноят расонидашуда ҳуқуқи ҷудонашавандаи ӯ буда, яке аз нишонаҳои муҳимми адолати судӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, товон намудани зарари бо кирдори ҷиноятӣ расонидашуда ҳам аз ҷониби олимони соҳа ва ҳам кормандони амалӣ муҳокима карда мешавад, аммо ҳалли самараноки ин масъала на дар назария ва на дар амалия то охир коркард нашудааст. Тасдиқи гуфтаҳои боло мавҷудияти баҳсҳои доманадор доир ба таҳқиқи мавзуи товони зарар, махсусан товони зарар аз ҷиноят мебошад. Қонеъ намудани манфиатҳои ҷабрдида, ки бо кирдори ҷиноятӣ поймол шудаанд, яке аз роҳҳои муҳимми ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон ва шаҳрванд мебошад, зеро кркард ва пешниҳоди механизмҳое, ки ба ҳимоя, таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҷабрдида равона шудаанд, имкон медиҳанд зараре, ки ба ҷабрдида расонида шудааст барқарор карда шавад ва дар маҷмуъ адолати иҷтимоӣ барқарор гардад.

Таърихи ташаккули институти товони зарар аз ҷиноят, усулҳои рӯёнидани товони зарар дар даврахои гуногуни таърихӣ ва муосир, роҳҳои ҷоннок намудани истифодаи чорахои муосири ҷуброни зарар ва дигар ҳолатҳо вобаста ба товони зарар аз ҷиноят дар Тоҷикистон дар таҳқиқоти

диссертант Рачабзода С.А. баррасӣ гардидаанд. Омилҳои зиёде дар назарияи ҳуқуқэҷодкунӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ мавҷуданд, ки боиси паст гардидани сатҳи самаранокии ҷуброни зарар ҳамчун функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегарданд. Яке аз проблемаҳои мавҷуда дар ин самт сатҳи пасти ҳаҷми воқеии товони зарари бо чиноят расонидашуда мебошад. Аз ин рӯ коркард ва пешниҳоди роҳҳои самараноки ҷуброни зарари ҷабрдидаи чиноят аз мубрамии мавзуи интихобкардаи Рачабзода С.А. дарак медиҳад. Шахсе, ки нисбати ӯ чиноят содир шудааст, бояд ба он эътимод дошта бошад, ки ҳуқуқҳои поймолгардидааш барқарор карда мешаванд, махсусан ба ӯ товони зарари расонидашуда пурра амалӣ гардонида мешавад. Дар акси ҳол шаҳрванд аз ҳифз гардидани манфиати худ аз ҷониби давлат ноумед гардида, ин ҳолат ба ҳадди нобоварӣ аз низоми давлатию ҳуқуқӣ оварда мерасонад.

Мақсад аз интихоб ва мавриди таҳлил қарор додани мавзуи мазкур аз ҷониби муаллиф, ин омӯзишу таҳқиқи масъалаҳои назариявию амалии ташаккул ва инкишофи институти товони зарар аз чиноят дар Тоҷикистон буда, дар натиҷаи он коркард ва пешниҳод намудани механизми товони зарар аз чиноят, роҳҳои ҳалли мушкилиҳои ин падида ва дар ин замина пешниҳод намудани таклифҳо ба қонунгузорӣ ва таҷрибаи миллӣ ҷиҳати боз ҳам беҳтар гардонидани фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ дар самти ҷуброни зарари бо кирдори ҷиноятӣ расонидашуда мебошад (сах. 7).

Муаллиф дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ ва акидаҳои олимони соҳа мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва нишонаҳои онро (сах . 31) пешниҳод намуда, бо назардошти соҳаи ҳуқуқ ҷавобгарии ҳуқуқиро ба намудҳои зерин тасниф кардааст: конституцсионӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ, граждани, меҳнатӣ, интизомӣ, мурофиавӣ-ҷиноятӣ ва мурофиавӣ-граждани. Ҳамзамон муаллиф қайд менамояд, ки ба ҳама намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияҳои якхела: ҷазодиҳанда, ҳуқуқбаркароркунанда, тарбиявӣ, пешгирикунанда ва танзимкунанда хос аст. Дар намудҳои гуногуни ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияҳо метавонанд ба таври гуногун зоҳир гарданд ва махсусияти ҷазодиҳӣ, баркароркунӣ, тарбиявӣ, пешгирикунӣ ва танзимкунӣ дошта бошанд.

Функсияи барқароркунандаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ институти товони зарарро дар бар мегирад ва амалӣ нашудани ин функсия дар маҷмуъ ҷавобгарии ҳуқуқии соҳаи алоҳидаро нопурра мегардонад. Ба мақсадҳои гузоштаи товони зарар ҳамчун функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавон барқарор намудани ҳуқуқи молумулкӣ, ғайримолумулкӣ ва дигар ҳуқуқи поймолгардидаи шахс, ҷамъият ва давлатро номбар намуд (сах. 31).

Масъалаи ба кадом соҳаи ҳуқуқ дахл доштани институти товони зарар аз ҷиноят дар илми ҳуқуқшиносӣ то ҳол бахсҳои гуногнро ба миён гузоштааст ва ақидаи олимон дар ин самт якзайл нест. Баъзеҳо бар он ақидаанд, ки институти мазкур ба соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва баъзеҳо ба сохаи ҳуқуқи граждани дохил шуданро ҷонибдорӣ менамоянд. Ба ақидаи диссертант ухдадории товони зарари аз ҷиноят расонидашуда бо қонунгузории граждани муайян шуда, ҳамзамон он дар як қатор институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ низ танзим мешавад. Аз ин лиҳоз институти товони зарари бо кирдори ҷиноятӣ расонидашударо метавон ба институти комплексии байнисоҳавии ҳуқуқ дохил намуд. Товони зарари аз ҷиноят расонидашуда масъалаи байнисоҳавиест, ки ҳам соҳаҳои ҳуқуқи моддӣ ва ҳам мурофиавиро дар бар мегирад. Дар меъёрҳои моддии якчанд соҳаи ҳуқуқ манфиатҳои шахсони аз кирдорҳои ҷиноятӣ зарардида мукаррар гардидаанд ва бо меъёрҳои мурофиавии соҳаҳои ҳуқуқ дар ҳамбастагӣ амалӣ карда мешаванд (сах. 38).

Зимни анҷом додани таҳқиқот муаллиф масъалаҳои гуногунеро мавриди баррасӣ қарор додааст, ки доир ба паҳлуҳои мухталифи онҳо олимони ватанӣ ва хориҷӣ фикру андешаҳои худро иброз намудаанд. Вале қайд кард, ки дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ то ҳол таҳқиқоти маҷмуӣ ва мушаххаси назариявию амалӣ дар самти ташаккул ва инкишофи институти товони зарар аз ҷиноят дар Тоҷикистон анҷом дода нашудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқоти Рачабзода С.А. мубрам ва саривақтӣ буда, барои пешрафти илми ҳуқуқшиносии ватанӣ саҳми назаррас дорад.

Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ Рачабзода С.А. аз Конституцсияи ҶТ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, кодексҳо, қонунҳо, қарорҳои

Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барнома ва стратегияҳои давлатӣ истифода бурдааст. Дар баробари санадҳои миллӣ, инчунин баъзе қонунгузории давлатҳои алоҳида дар самти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои қурбониёни кирдорҳои ҷиноятӣ мавриди таҳлилу омӯзиши муқоисавӣ-ҳуқуқӣ қарор дода шуданд. Дар баробари ин қисме аз парвандаҳои судӣ оид ба рӯёнидани зарарҳои бо кирдорҳои ҷиноятӣ расонидашуда, маълумотҳои омории Суди Олии ҶТ, Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун заминаи эмпирикии таҳқиқоти диссертатсионӣ истифода шудаанд.

Доир ба автореферати диссертатсия эродҳои зеринро пешниҳод менамоем:

1. Унвонҷӯ дар тавсияҳои худ "- даромадҳои ҳадафнок аз созмонҳои байналмиллалӣ"-ро ҳамчун сарчашмаи маблағгузории фондҳои махсуси ҳадафноки ҳифзи қурбониёни кирдорҳои ҷиноятӣ шарх додааст. Муаллифро зарур аст, ки ин пешниҳоди худро васеътар асоснок намояд, то ин ки зери ибораи "даромадҳои ҳадафнок" чиро бояд фаҳмид кушода дода шавад.

2. Дар автореферати кори диссертатсионӣ ва кори диссертатсионӣ аз ҷониби унвонҷӯ ибораи "ҳуқуқи шӯравӣ" истифода гардидааст. Диссертант бояд мавқеи худро муайян намояд, ки зери ибораи "ҳуқуқи шӯравӣ" чиро дар назар дорад.

Эродҳои мазкур ба сатҳу сифати рисолаи анҷомдодашуда таъсири манфӣ намерасонанд ва баръакс имконият фароҳам меоранд то ки муаллиф ҳангоми ҳалли баъзе масъалаҳо дар алоҳидагӣ мавқеи назари худро баён созад.

Бо назардошти ин гуфтаҳо хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи Рачабзода Сорбон Абдусалом дар мавзуи "Ташаккул ва инкишофи институти товони зарар аз ҷиноят дар Тоҷикистон" кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

ҳуқуқшиноси аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Тақриздиҳанда:

Раупова Манзура Турсуновна профессори кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **М.Т. Раупова**

Имзои М.Т. Рауповаро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Ш.Б. Ҳамидов**

Сурога:

Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33,
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел: 224 17 86, 224 83 93 (факс)
Email: info@apa.tj